# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин дар мавзӯи «Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) -доктор аз рӯи ихтисоси 6D010600 - Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601 - Назария ва методикаи таълими мусиқӣ)**

Дар кори таҳқиқотии диссертант ба автореферати диссертатсияи Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин дар мавзӯи «Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон” мавриди таҳқиқу пажуҳиш қарор гирифтааст. Тарбияи насли наврас дар роҳи худшиносиву ватандустӣ, эҳтиром ба падару модар, мактабу омӯзгор яке аз масоили мубрам ба ҳисоб меравад ва муҳақиқ Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин тавонистаасг, ин таҳқиқоти мубрамро дар кори илмии худ муваффақона ба анҷом расонад.

Таҳқиқи масъалаи мазкур мубрам ба ҳисоб рафта, то имрӯз ба таври зарурӣ мавриди пажуҳиш қарор нагирифтааст. Ин аст, ки мақсаду вазифаҳои асосии кори таҳқиқотии диссертант ба ҳамин масъала бахшида шудааст.

Муҳаққиқ дар диссертатсия, пеш аз ҳама, ба масъалаи алоқамандии мактаб ва оила бештар диққат намуда, дар рафти пажуҳиш саъй намудааст, тарбияи мусиқӣ-эстетикиро ба риштаи таҳқиқ кашад.

Дар қисмати муқаддима тибқи анъана мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, усулҳои таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот ва аҳамияти назариявӣ муайян карда шудааст.

Дисертатсия ва сохтори он мувофиқ ба талабот омода гардида, аз муқаддима, се боб, шаш зербоб ва феҳристи осори таҳқиқӣ иборат буда, якҷо қисматҳои мукаддима, хулоса ва рӯйхати адабиёт фарогири 171 саҳифаи чопи компютерӣ мебошад.

Боби аввали рисола «Тарбияи эстетикӣ ҳамчун самти афзалиятноки таҳсилоти мусиқӣ» унвон дошта, фарогири ду зербоб мебошад. Дар ин бахши рисола масъалахои **“Раванди ташаккули таҳсилоти мусиқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият”** ва **“Аҳамияти таҳқиқоти назариявӣ ва методӣ дар ташаккули арзишҳои мусиқӣ-эстетикӣ”** мавриди таҳқиқу баррасии дисертант қарор гирифтаанд.

Боби дуюми диссертатсия “**Унсурҳои муҳими раванди таълим ва тарбия**” ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад. Диссертант дар ин қисмати кор, **“Муҳити таълимии мактабӣ: нақши омӯзгори мусиқӣ дар рушди фарҳанги мусиқӣ-эстетикӣ”** ва **“Муҳити оилавӣ: вазифаҳои тарбиявию педагогии волидайн дар такмили завқи зебоишиносии насли наврас**” мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Дар боби сеюми диссертатсия **“Ҳамкории мактаб ва оила ҳамчун асоси ташаккули фарҳанги мусиқӣ-эстетикии хонандагон”** баррасӣ гардидааст. Ин бахши дисертатсия фарогири ду зербоб буда, дар ин боб “Шаклҳо ва методҳои муассири ҳамкории мактаб ва оила” ва “Татбиқи таҷрибавӣ ва таҳлили натиҷаҳои пажӯҳиш” мавриди таҳқиқи муаллифи рисола қарор гирифтаанд.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқот чамъбаст гардида, муҳақиқ тавонистааст аз тамоми корҳои кардаи худ натиҷагирӣ намояд. Аз пешниҳодҳои намудаи диссертант бармеояд, ки ба хадафхои дар пеш гузоштаи худ муваффақ шудааст.

Аз мутолиаи фишурдаи диссертатсияи Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин бармеояд, ки диссертант тавонистааст, дар натиҷаи талошу заҳматҳои зиёд ба мақсаду вазифахои дар назди худ гузошта, муваффақона ноил гардад.

Кори таҳқиқотии диссертант Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин бо ихтисоси илмии интихобнамудаи ӯ комилан мувофикат мекунад. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалахои таҳқиқот, ки дар шиносномаи ихтисоси 6D010600 - Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601 - Назария ва методикаи таълими мусиқӣ) таъйин шудаанд, мувофиқ мебошад.

Дар баробари дастоварду навгониҳо дар фишурдаи диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо аз манфиат холӣ нахоҳад буд. Чунончи:

1. Дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба монанди якҷоя омадани якчанд калима, васеътар омадани фосилаҳо, ба мушоҳида мерасанд.
2. Дар фишурда баъзан фикрҳои такрор дида мешаванд.

Эродҳои мазкур ҷузъӣ ва ислоҳшаванда буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии рисоларо кам намекунанд.

Хулосаи, кори таҳқиқотии диссертант Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин дар мавзуи «Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон” кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ба хисоб рафта, муаллифи он барои дарёфти

Хулосаи, кори таҳқиқотии диссертант Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин дар мавзуи «Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон” кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ба хисоб рафта, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) -доктор аз рӯи ихтисоси 6D010600 - Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601 - Назария ва методикаи таълими мусиқӣ) сазовор мебошад.

Муовини директори МД «Осорхонаи миллӣ» - и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

н. и. педагогӣ Наимзода Д.Н

Имзои н. и. педагогӣ
Наимзода Д.Н-ро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси МД «Осорхонаи миллӣ» -и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қадамова Ф.Ш

Нишонӣ: шаҳри Душанбе, хиёбони Исмоили Сомонӣ 11

26.01.2026